**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи унвонҷӯ Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ; 10.01.01 – Адабиёти тоҷик)**

Рисолаи номзадии Юсупова Мусабе Исломовна ба яке аз масъалаҳои камомӯхташудаи таърихи адабиёти тоҷик – таҳқиқи назарии ҷойгоҳи фолклор дар эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва муайян кардани нақши он дар таҳаввули тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда, ки то ба имрӯз дар қолаби рисолаи ҷудогонаи илмӣ шарҳу баррасӣ нагардидааст, бахшида шудааст.

Аҳамияти назарии рисолаи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки дар диссертатсия бори аввал таъсири фолклор ба тафаккури эҷодии Раҳим Ҷалил ва услуби нигориши ӯ ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Инчунин, дар диссертатсия дар заминаи мисолҳои фаровон махсусиятҳои истифодаи жанрҳои фолклорӣ дар назму насри Раҳим Ҷалил муайян гардидаанд, ки аз анҷом ёфтани як кори муҳим шаҳодат медиҳанд.

Диссертант кӯшиш намудааст, ки дар рисолаи номзадии хеш дар заминаи мисолҳои фаровон масъалаи мавриди назарро баррасӣ намуда, як сухани нав, хулосаҳои муҳимми илмиро ба даст орад, ки ин иқдом аз васеъ будани доираи мутолиа ва омӯзиши ӯ шаҳодат медиҳад.

Ба андешаи мо, диссертант аз уҳдаи вазифаҳои дар назди худ гузоштааш ба хубӣ баромадааст. Ҷобаҷогузории қисматҳои рисола низ ба талаботи имрӯзаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Аммо бо ин ҳама муҳассанот дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки рафъи онҳо, ба назари мо, барои боз ҳам баланд бардоштани арзиши илмии рисола мусоидат менамояд:

1) Дар автореферати диссертатсия назари танқидии муаллиф кам ба чашм мерасад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баъзе мавридҳо роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ андешаҳои интиқодии худро баён медошт.
2) Дар тарҷумаи русии автореферат баъзе хатоҳои услубӣ ва тарҷума нашудани баъзе мафҳумҳо ба мушоҳида расид.

3) Дар фишурдаи диссертатсия баъзан хатоҳои имлоию китобат ба назар мерасад.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳоислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд. Диссертант аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои пешбинишуда ба хубӣ баромада, ба хулосаҳои саҳеҳи илмӣ расидааст.

Аз мундариҷаи фишурда бармеояд, ки муаллифи он бо масъалаҳои меҳварии адабиёт ошно буда, завқу фаҳмиши хуб дорад.

Хулоса, диссертатсияи унвонҷӯ Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ; 10.01.01 – Адабиёти тоҷик) ба талабот ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи адабиёти тоҷики МДТ
«Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Аҳмадов С.Г.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи С. Раҳимов – 7/31
Тел.: (+992) 907-56-43-77.

Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори
кафедраи забони тоҷикии МДТ
«Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Раҳмонов М.Б.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Кайҳоннавардон – 38/15.
Тел.: (+992) 901-88-17-77.

Имзоҳои Аҳмадов Сафармад Гадомадович, Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратовичро тасдиқ мекунам:

сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (8 32 22) 2-45-20; 2-22-53.
E-mail: bsu@mail.ru
13.08.2024